**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**

**Правительство Республики Таджикистан**
**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**

аз 25 октябри соли 2022 № 510

ш. Душанбе

Дар бораи Тартиби таъмини сифати тахассусҳо ва тасдиққунии тахассусҳо

Мутобиқи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Тартиби таъмини сифати тахассусҳо ва тасдиққунии тахассусҳо тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо, иттиҳодия ва ассотсиатсияҳои корфармоён тибқи тартиби муқаррargardida оид ба амалисозии Тартиби мазкур тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ВАЗОРАТИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ВОРИДОТ № 4/123
31 10 22

---

вх № 2034
01.11.22

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**

**Правительство Республики Таджикистан**
**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**

от 25 октября 2022 года № 510

ш. Душанбе

О Порядке обеспечения качества квалификаций и подтверждения квалификаций

В соответствии со статьей 6 Закона Республики Таджикистан «О подготовке специалистов с учетом потребностей рынка труда» Правительство Республики Таджикистан п о с т а н о в л я е т:

1. Утвердить Порядок обеспечения качества квалификаций и подтверждения квалификаций (прилагается).

2. Министерствам и ведомствам, исполнительным органам государственной власти Горно-Бадахшанской автономной области, областей, города Душанбе, городов и районов, объединениям и ассоциациям работодателей в установленном порядке принять необходимые меры по реализации настоящего Порядка.

Председатель
Правительства Республики
Таджикистан Эмомали Рахмон

Замима
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «25» октябри соли 2022, № 510

Тартиби таъмини сифати тахассусҳо ва тасдиққунии тахассусҳо

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ.

1. Тартиби таъмини сифати тахассусҳо ва тасдиққунии тахассусҳо (минбаъд – Тартиб) бо мақсади тайёр намудани мутахассисон бо дар назар доштани принсипҳои таъмини шаффофият ҷиҳати гирифтани тахассусҳо ва мустақилияти баҳодиҳии салоҳиятҳо таҳия шудааст.

2. Механизми таъмини сифати тахассусҳо созмон додани воситаҳои баҳодиҳӣ ва тасдиқи салоҳиятҳое, ки ҳам барои дастрас намудани тахассуси мазкур ва ҳам барои муайян намудани сатҳи аввалияи таҳсилот заруранд, пешбинӣ менамояд.

3. Соҳиб шудан ба тахассуси сатҳи муайян маънои эътирофи расмии арзиши салоҳиятҳои азхуднамударо барои бозори меҳнат ва тахсилоту омӯзиши минбаъда дорад.

4. Вазифаҳои асосии низоми таъмини сифат ва тасдиққунии тахассусҳо аз инҳо иборатанд:

- баҳодиҳии объективӣ ва аз ҷониби корфармо эътирофшавандаи мутобиқати тахассуси корманд ба талаботи истеҳсолот ва соҳибкорӣ, ки бо стандартҳои дахлдори салоҳиятҳо муқаррар кардаанд;

- тасдиқи ҳуқуқи корманд барои иҷрои намудҳои мушаххаси фаъолияти меҳнатӣ, новобаста аз ҷой, вақт ва усули ба даст овардани тахассус.

## 2. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ.

5. Мафҳумҳои асосии дар Тартиб истифодашаванда:

- тахассус – камолоти касбии шахс ва дараҷаи омодагии он барои иҷрои намудҳои корҳои мушаххас, ки бо мавҷудияти салоҳиятҳои аз ҷониби корфармоён эътирофшуда муайян гардида, бо ҳуҷҷати намунаи давлатӣ тасдиқ карда мешавад.

- сертификатсияи тахассусҳо – раванде, ки тавассути он аз ҷониби макомоти салоҳиятдори мустақил мутобиқати тахассуси бадастовардаи аризадиҳанда ба талаботи тахассусии стандарти салоҳияти касби муносиб дар доираи талаботи тахассусии Таснифоти миллии тахассусҳо тасдиқ карда мешавад.

## 3. ТАЪМИНИ СИФАТИ ТАХАССУСҲО.

6. Сифати тахассусҳо бо ҷорӣ намудани низоми баҳодиҳии салоҳиятнокӣ таъмин карда мешавад.

7. Баҳодиҳии салоҳиятнокии шахс дар асоси стандарти салоҳияти касби мушаххас гузаронида шуда, аз баҳодиҳии муқаддимавӣ, миёнамӯҳлат ва ҷамъбастӣ иборат аст.

8. Баҳодиҳии муқаддимавӣ ва миёнамӯҳлат аз ҷониби муассисаи таълимӣ дар раванди тайёр намудани мутахассисон амалӣ карда мешавад.

9. Баҳодиҳии ҷамъбастии салоҳиятнокӣ тибқи воситаҳои баҳодиҳӣ аз тарафи корфармоён, иттиҳодияҳои соҳавии онҳо ва коршиносони мустақил, дар муассисаи тайёр намудани мутахассисон, амалӣ карда мешавад.

10. Меъёрҳо ва воситаҳои баҳодиҳии салоҳиятнокӣ бо стандарти салоҳият ва барномаи таълимии касби дахлдор муайян карда мешаванд.

11. Ба шахсоне, ки аз баҳодиҳии ҷамъбастии салоҳиятнокӣ гузаштаанд, дар хусуси сатҳи дахлдори таҳсил вобаста ба сатҳи Таснифоти миллии тахассусҳо ва рамзгузории Таснифоти машғулиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилоти марбута, бо замимаи маълумотнома оиди воҳидҳои салоҳияти азхудшуда, дода мешавад.

## 4. ТАСДИҚҚУНИИ ТАХАССУСҲО.

12. Барои додан ё тасдиққунии тахассусхо метавонанд марказҳои мустақили сертификатсияи тахассусҳо бо мақоми маркази соҳавӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ таъсис дода шаванд. Корфармоёни алоҳида ҳуқуқ надоранд, ки дар дохили як корхона маркази сертификатсияи тахассусҳоро таъсис диҳанд.

13. Марказҳои мустақили сертификатсияи тахассусҳо аз ҷониби якчанд корфармоёни як соҳа ё иттиҳодияҳои соҳавии онҳо таъсис дода мешаванд.

14. Додан ва тасдиққунии тахассусҳо оид ба мутобиқат ба талаботи стандартҳои салоҳият дар намудҳои мушаххаси фаъолияти касбӣ дар асоси шартҳои шартнома байни гирандаи хизмат ва марказҳои мустақили сертификатсияи тахассусҳо амалӣ карда мешаванд.

15. Марказҳои мустақили сертификатсияи тахассусҳо расмиёти зерини баҳодиҳӣ ва тасдиққунии тахассусҳоро амалӣ менамоянд:

- тафтиши ҳуҷҷатҳои аризавии довталаб ва бастани шартнома бо гирандаи хизмат;
- таъмини довталаб бо маводи иттилоотӣ;
- муайян кардани ҷадвали сертификатсия;
- ташкил ва гузаронидани расмияти баҳогузорӣ;

- қабули қарор дар бораи додани (рад кардани) сертификати тахассусӣ;

- додани сертификати тахассусӣ;

- баррасӣ ва қабули қарор оид ба масъалаҳои шикоятӣ.

16. Ҳуҷҷатҳои аризавие, ки бояд барои гузаштани баҳодиҳӣ ва тасдиққунии тахассусҳо пешниҳод шаванд, аз инҳо иборатанд:

- аризаи хаттӣ бо зикри насаб, ном, номи падар, санаи таваллуд, ҷойи кор (ё ҷои кори охирин), вазифа ва суроғаи макони зисти довталаб, шакли азхудкунии тахассуси баҳогузоришаванда, инчунин намуди фаъолияти касбӣ ва сатҳи тахассусе, ки довталаб барои он талабот дорад;

- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ ва ҳуҷҷатҳои таҳсилот, варақаи шахсӣ, тавсифнома аз корфармоён, ташкилотҳои таълимӣ ва ташкилотҳои дигари манфиатдор, ду адад акс (3х4), маълумотномаи тиббӣ (барои намудҳои алоҳидаи фаъолияти касбӣ), шаҳодатномаи тахассусии қаблан додашуда (агар дароз кардани мӯҳлат зарур бошад), инчунин ҳуҷҷати тасдиққунандаи пардохти хизматҳо.

17. Марказҳои мустақили сертификатсияи тахассусҳо барои муайян намудани ҳолатҳои зерин ҳуҷҷатҳои аризавии довталабро месанҷанд:

- ҳуҷҷатҳо дар ҳаҷми пурра ва дар сатҳи зарурӣ пешниҳод шудаанд;

- довталаб дорои таҳсилот ва (ё) таҷрибаи корие мебошад, ки барои роҳхат ба сертификатсия зарур аст;

- довталаб бо талаботи стандарти салоҳияти дахлдор, тартиби баҳогузорӣ ва сертификатсия шинос аст;

- довталаб ба коркарди маълумоти шахсӣ розӣ аст.

18. Дар мавриди муайян намудани номувофиқатии ҳуҷҷатҳои аризавии довталаб ба талаботи муайяншуда дар давоми 7 рӯз қарор дар бораи рад кардани ариза қабул мешавад. Марказҳои мустақили сертификатсияи тахассусҳо довталабро дар бораи рад кардани дархост барои баҳодиҳӣ ва сертификатсия бо нишон додани сабабҳо ба таври хаттӣ огоҳ мекунад. Ҳамзамон, довталаб ҳуқуқ дорад бо шикоят ба марказҳои мустақили сертификатсияи тахассусҳо муроҷиат кунад, ки онҳо уҳдадоранд аризаи ӯро баррасӣ кунанд ва дар бораи асоснок будани радкунӣ қарор қабул намоянд.

19. Агар ҳуҷҷатҳои аризавии довталаб ба ҳамаи талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ бошанд, сипас дар давоми 7 рӯз марказҳои мустақили сертификатсияи тахассусҳо бо тартиби муқарраршуда дархост тартиб дода, довталабро дар бораи вақти мусоҳиба барои муайян кардани ҷадвали баҳодиҳӣ ва сертификатсияи тахассус хабардор мекунанд.

20. Марказҳои мустақили сертификатсияи тахассусҳо довталабро бо маводи зарурии иттилоотӣ, аз ҷумла бо инҳо таъмин мекунанд:

- стандарти салоҳият (иқтибосҳо аз стандарти салоҳият);

- ҳуҷҷатҳое, ки тартиби баҳодиҳӣ ва сертификатсияро тавсиф мекунанд;

- иттилоот дар бораи арзиши расмиёти баҳодиҳӣ ва сертификатсияи тахассус.

21. Дар рафти мусоҳиба довталаб ҷадвали гузаронидани расмиёти баҳодиҳӣ ва сертификатсияи тахассусҳоро мувофиқа мекунад ва дар бораи мӯҳлат ва тартиби қабули қарор оид ба додан (рад кардан) сертификати тахассусӣ дар асоси натиҷаҳои баҳодиҳии тахассус маълумот мегирад. Ҳамчун тавсия ба довталаб мувофиқи мақсад будани таълими иловагӣ пешниҳод мешавад, ки он бо мақсади расидан ба мутобиқати тахассуси ӯ ба талаботи стандарти салоҳият дар намуди дахлдори фаъолияти касбӣ мебошад. Дар охири мусоҳиба марказҳои мустақили сертификатсияи тахассусҳо бо довталаб шартнома мебанданд.

22. Баҳодиҳии тахассус яккарата ва ё марҳила ба марҳила аз рӯйи вазифаҳои меҳнатии алоҳида (воҳидҳои салоҳият) ташкил мешавад, ки дар ниҳояти кор барои ба даст овардани сертификати тахассусӣ имконият медиҳад. Баҳодиҳии тахассус тавассути экспертизаи тахассусӣ гузаронида мешавад, ки аз арзёбии дониш ва маҳорати касбии довталаб иборат аст. Баҳодиҳии тахассусро комиссияҳои имтиҳонӣ (ё коршиносӣ)-и марказҳои мустақили сертификатсияи тахассусҳо мутобиқи тартиб ва талаботи муайяннамудаи ҳуҷҷатҳои ташкилию методии аз ҷониби марказҳои мустақили сертификатсияи тахассусҳо дар намуди дахлдори фаъолияти касбӣ таҳияшуда анҷом медиҳанд.

23. Ба ҳайати комиссия дар мавриди баҳодиҳии тахассус намояндагони корфармоён, иттифоқҳои касаба ва ҷонибҳои дигари манфиатдор, баҳодиҳандагон дохил мешаванд. Натиҷаҳои баҳодиҳии тахассусро комиссияи имтиҳонӣ (ё коршиносӣ) дар ҳуҷҷатҳое, ки ба комиссияи сертификатсионии марказҳои мустақили сертификатсияи тахассусҳо барои қабули қарор дар бораи сертификатсия пешниҳод кардаанд, сабт мекунад.

24. Комиссияи сертификатсионии марказҳои мустақили сертификатсияи тахассусҳо дар асоси таҳлили ҳуҷҷатҳои довталаб дар давоми 10 рӯз қарор дар бораи додан (рад кардан)-и сертификати тахассусӣ қабул мекунад.

25. Марказҳои мустақили сертификатсияи тахассусҳо дар асоси қарори комиссияи сертификатсионӣ сертификати тахассусиро ба расмият медароранд, ба қайд мегиранд ва бо имзои шахсӣ ба довталаб медиҳанд ё дар шакли хаттӣ додани сертификати тахассусиро бо зикри сабаб рад мекунанд. Агар гирандаи хизматрасонӣ шахси ҳуқуқӣ бошад, комиссияи сертификатсионии марказҳои мустақили сертификатсияи тахассусҳо ба гирандаи хизматрасонӣ дар шакли хаттӣ рақам ва санаи додани сертификати тахассусӣ ё сабабҳои надодани сертификати тахассусиро хабар медиҳад. Шахсоне, ки аз баҳодиҳӣ ва сертификатсияи тахассус гузаштаанд, ба Феҳристи мутахассисони сертификатдори марказҳои мустақили сертификатсияи тахассусҳо дохил карда мешаванд, ки он аз рӯйи намудҳои фаъолияти касбӣ ба низом даровардa шудааст, инчунин

тибқи усули ҳисобкунӣ ҳар моҳ ба феҳристи умумиҷумҳуриявии баҳодиҳии мустақили тахассус дохил карда мешаванд. Марказҳои мустақили сертификатсияи тахассусҳо парвандаи шахсии довталабонро 2 сол дар шакли коғазӣ ва 10 сол дар шакли электронӣ нигоҳ медоранд. Парвандаи шахсии довталаб бояд инҳоро дар бар гирад:

- ариза барои баҳодиҳӣ ва сертификатсияи тахассус, аз ҷумла номгӯйи ҳамаи ҳуҷҷатҳои замимашуда;
- ҳуҷҷатҳо оид ба баҳодиҳии тахассус;
- нусхаи сертификати тахассусӣ.

26. Мӯҳлати эътибори сертификати тахассусӣ 5 сол аст. Сертификати тахассусии додашуда аз ҷониби ҳамаи корфармоёни соҳа эътироф карда мешавад. Пас аз 5 сол зарурати тасдиқи тахассус талаб карда мешавад.

27. Барои таъмини мутобиқатии сертификатсияи тахассусҳо ба сатҳҳои Таснифоти миллии тахассусҳо ташкилотҳои соҳавии корфармоён бо дастгирии маркази дахлдори соҳавии сертификатсияи тахассусҳо сохтори соҳавии тахассусҳоро дар мувофиқа бо вазорат ё идораи соҳавӣ таҳия менамоянд. Сохтори тахассусӣ барои ҳар як соҳаи иқтисодиёт дар алоҳидагӣ таҳия мешавад.

28. Сохтори соҳавии тахассусҳо бо қарори якҷояи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилоти соҳавии корфармоён, иттифоқи касабаи соҳавӣ тасдиқ карда мешавад. Ҳар 5 сол сохтори соҳавии тахассусҳо таҷдиди назар карда мешавад.

29. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи низоми иттилоотии бозори меҳнат низоми маҷозии пешбурди феҳристи умумиҷумҳуриявии баҳодиҳии мустақили тахассусҳоро дар заминаи низоми иттилоотии бозори меҳнат таъсис медиҳад.

30. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои соҳавӣ, корфармоён ва иттиҳодияҳои онҳо Низомнома дар бораи сертификатсияи тахассусро тасдиқ менамояд, ки тартиби таҳияи сохтори соҳавии тахассусҳоро пешбинӣ мекунад. Низомномаи мазкур дар сомонаи расмии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар низоми иттилоотии бозори меҳнат ҷойгир карда мешавад.

Румиц (43)

Приложение
к постановлению Правительства
Республики Таджикистан
от «25» октября 2022 года, № 510

## Порядок обеспечения качества квалификаций и подтверждения квалификаций

### 1. ОБЩИЕ ПОЛОЖЕНИЯ

1. Порядок обеспечения качества квалификаций и подтверждения квалификаций (далее – Порядок) разработан с целью подготовки специалистов с учетом принципов обеспечения прозрачности в получении квалификаций и независимости оценки компетенций.

2. Механизм обеспечения качества квалификаций предусматривает создание инструментов для оценки и подтверждения компетенций, необходимых как для получения данной квалификации, так и для определения исходного уровня обучения.

3. Присвоение определенного уровня квалификации означает официальное признание ценности освоенных компетенций для рынка труда и дальнейшего образования и обучения.

4. Основные задачи системы обеспечения качества и подтверждения квалификаций:

- объективная оценка и признаваемая работодателем соответствие квалификации работника требованиям производства и бизнеса, установленные соответствуюшими стандартами компетенций;
- подтверждение права работника для выполнения конкретных видов трудовой деятельности независимо от места, времени и способа получения квалификации.

### 2. ОСНОВНЫЕ ТЕРМИНЫ

5. Основные термины, используемые в Порядке:

- квалификация – профессиональная зрелость личности и степень его готовности для выполнения конкретных видов работ, определяемых наличием компетенций, признанных работодателями, и подтверждаемая документом государственного образца;
- сертификация квалификаций – процесс, посредством которого независимым компетентным органом подтверждается соответствие приобретенных квалификаций заявителя к квалификационным требованиям, установленным стандартом компетенции соответствующей профессии в рамках требований Национального классификатора квалификаций.

## 2. ОБЕСПЕЧЕНИЕ КАЧЕСТВА КВАЛИФИКАЦИЙ

6. Качество квалификаций обеспечивается путём внедрения системы оценивания компетентности.

7. Оценивание компетентности лица проводится на основе стандарта компетенции конкретной профессии и состоит из предварительной, среднесрочной и итоговой оценки.

8. Предварительная и среднесрочная оценка осуществляется образовательными учреждениями в процессе подготовки специалистов.

9. Итоговая оценка компетентности в соответствии с инструментами оценки, проводится работодателями, их отраслевыми объединениями и независимыми экспертами в учреждении по подготовке специалистов.

10. Нормы и инструменты оценки компетентности определяются стандартом компетенции и учебной программой соответствующей профессии.

11. Лицам, прошедшим итоговую оценку компетентности, о соответствующем уровне образования в соответствии с уровнем Национального классификатора квалификаций и кодировки Классификатора занятий Республики Таджикистан, выдается документ государственного образца о соответствующем образовании, с приложением справки об освоенных единицах компетенций.

## 3. ПОДТВЕРЖДЕНИЕ КВАЛИФИКАЦИЙ

12. Для присвоения или подтверждения квалификаций могут создаваться независимые центры сертификации квалификаций со статусом отраслевого, регионального и международного центра. Отдельные работодатели не имеют права внутри одного предприятия создавать центры сертификации квалификаций.

13. Независимые центры сертификации квалификаций могут создаваться несколькими работодателями одной отрасли или их отраслевыми объединениями.

14. Присвоение и подтверждение квалификаций на соответствие требованиям стандартов компетенций в конкретных видах профессиональной деятельности осуществляются на условиях договора между получателем услуги и независимыми центрами сертификации квалификаций.

15. Независимые центры сертификации квалификаций осуществляют следующие процедуры оценки и подтверждение квалификаций:

– проверка заявительных документов соискателя и заключение договора с получателем услуги;

– обеспечение соискателя информационными материалами;

– определение графика сертификации;

– организация и проведение оценочных процедур;

– принятие решения о выдаче (отказе в выдаче) квалификационного сертификата;

– выдача квалификационного сертификата;

– рассмотрение и принятие решений по претензионным вопросам.

16. Заявительные документы, подлежащие представлению для прохождения оценки и сертификации квалификации, включают:

– письменное заявление с указанием фамилии, имени, отчества, даты рождения, места работы (или место последней работы), должность и адрес проживания соискателя, формы освоения квалификаций, подлежащих оценке, а также вида профессиональной деятельности и уровня квалификации, на который претендует соискатель;

– копия трудовой книжки и документов об образовании, личный листок, характеристики работодателей, образовательных организаций и других заинтересованных организаций, две фотографии (3x4), медицинскую справку (для отдельных видов профессиональной деятельности), ранее выданный квалификационный сертификат (при необходимости продления срока), а также документ, подтверждающий оплату услуг.

17. Независимые центры сертификации квалификаций осуществляют проверку заявительных документов, представленных соискателем, с целью установления следующего:

– документация представлена в полном объеме и надлежащего качества;

– соискатель обладает образованием и (или) опытом работы, необходимым для допуска к сертификации;

– соискатель ознакомлен с требованиями соответствующего стандарта компетенции, процедурой оценки и сертификации;

– соискатель согласен на обработку персональных данных.

18. В случае выявления несоответствия заявительных документов соискателя установленным требованиям в течении 7 рабочих дней принимается решение об отклонении заявления. Независимые центры сертификации квалификаций письменно информируют соискателя об отклонении заявления на оценку и сертификацию с указанием причин. При этом соискатель имеет право обратиться с жалобой в центры сертификации квалификаций, которые обязаны рассмотреть его заявление и вынести решение о правомочности отказа.

19. Если заявительные документы соискателя соответствуют всем установленным требованиям, в течении 7 рабочих дней независимые центры сертификации квалификаций оформляют в установленном порядке заявку и информируют соискателя о времени собеседования для определения графика оценки и сертификации квалификации.

20. Независимые центры сертификации квалификаций обеспечивают соискателя необходимыми информационными материалами, включая:

– стандарт компетенции (выдержки из стандарта компетенции);

– документы, содержащие описание процедур оценки и сертификации;

– информацию о стоимости процедуры оценки и сертификации квалификаций.

21. В ходе собеседования соискатель согласует график проведения процедур оценки и сертификации квалификаций и получает информацию о сроках и порядке принятии решения о выдаче (отказе в выдаче) квалификационного сертификата по итогам проведения оценки квалификации. В порядке рекомендации соискателю предлагается о целесообразности дополнительного обучения в целях достижения соответствия его квалификации требованиям стандарта компетенции в соответствующем виде профессиональной деятельности. По окончании собеседования независимые центры сертификации квалификаций заключают договор с соискателем.

22. Оценка квалификации осуществляется единовременно или поэтапно по отдельным трудовым функциям (единицам компетенций), которые в итоге дают возможность получения квалификационного сертификата. Оценка квалификации проводится посредством квалификационной экспертизы, содержащей оценку знаний и профессиональных навыков соискателя. Оценку квалификации осуществляют экзаменационные (или экспертные) комиссии независимых центров сертификации квалификаций в порядке и в соответствии с требованиями, определенными организационно-методическими документами, разрабатываемыми независимыми центрами сертификации квалификаций в соответствующем виде профессиональной деятельности.

23. В состав комиссий при проведении оценки квалификации входят представители работодателей, профессоюзов и других заинтересованных сторон, а также оценщики. Результаты оценки квалификации фиксируются экзаменационной (или экспертной) комиссией в документах, передаваемых в сертификационную комиссию самостоятельных центров сертификации квалификаций для принятия решения о сертификации.

24. Сертификационная комиссия независимых центров сертификации квалификаций на основе анализа документов соискателя в течении 10 рабочих дней принимает решение о выдаче (отказе в выдаче) квалификационного сертификата.

25. Независимые центры сертификации квалификаций на основании решения сертификационной комиссии оформляют, регистрируют и выдают квалификационный сертификат лично под роспись соискателю или в письменной форме отказывают в выдаче квалификационного сертификата с указанием причины. Если получателем услуги является юридическое лицо, сертификационная комиссия самостоятельных центров сертификации квалификаций в письменной форме сообщает получателю услуги номер и дату выдачи квалификационного сертификата или причины отказа в выдаче квалификационного сертификата. Лица, прошедшие оценку и сертификацию квалификации, вносятся в Реестр сертифицированных специалистов самостоятельных центров сертификации квалификаций, систематизированный по видам профессиональной деятельности, а также нарастающим итогом ежемесячно в общереспубликанский реестр независимой оценки квалификации. Самостоятельные центры сертификации квалификаций хранят личное дело соискателей в течение 2 лет на бумажных носителях и в течение 10 лет на электронных носителях. Личное дело соискателя должно содержать:

– заявление на оценку и сертификацию квалификации, включая перечень всех прилагаемых документов;

– документы по оценке квалификации;

– копию квалификационного сертификата.

26. Срок действия квалификационного сертификата составляет 5 лет. Предоставленный квалификационный сертификат признаётся всеми работодателями отрасли. После 5 лет требуется подтверждение квалификации.

27. Для обеспечения соответствия сертификации квалификаций уровням Национального классификатора квалификаций отраслевые организации работодателей при поддержке соответствующего отраслевого центра сертификации квалификаций разрабатывают отраслевую структуру квалификаций по согласованию с отраслевым министерством или ведомством. Структура квалификаций разрабатывается отдельно для каждой отрасли экономики.

28. Отраслевая структура квалификаций утверждается совместным решением Министерства труда, миграции и занятости населения Республики Таджикистан, отраслевой организацией работодателей, отраслевым профессиональным союзом. Отраслевая структура квалификаций обновляется каждые 5 лет.

29. Министерство труда, миграции и занятости населения Республики Таджикистан в рамках информационной системы рынка труда создает онлайн систему ведения общереспубликанского реестра независимой оценки квалификаций на основе информационной системы рынка труда.

30. Министерство труда, миграции и занятости населения Республики Таджикистан по согласованию с Министерством экономического развития и торговли Республики Таджикистан, Министерством образования и науки Республики Таджикистан, отраслевыми министерствами и ведомствами, работодателями и их объединениями утверждает Положение о сертификации квалификаций, который предусматривает порядок разработки отраслевой структуры квалификаций. Данное Положение размещается на официальном сайте Министерства труда, миграции и занятости населения Республики Таджикистан и в информационной системе рынка труда.

(43)